**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Сарчашмаҳои ҳуқуқ яке аз институтҳои марказии тамоми соҳаҳои ҳуқуқ буда, аҳамияти бунёдӣ доранд. Мушкилоти мушаххаси ҳар як соҳаи ҳуқуқро таҳқиқ карда, моро зарур аст ба сарчашмаҳои ҳуқуқ ва мундариҷаи он диққат диҳем. Табиист, ки ин ба ҳуқуқи меҳнат низ дахл дорад.

Ҳуқуқи меҳнат ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дорои сарчашмаҳои худ мебошад, ки муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба меҳнат зич алоқамандро ба танзим медароранд. Дар ин низом мавқеи муайянро меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ишғол мекунанд, зеро, бо эътироф гардидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷониби Тоҷикистон, онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Дар ин низом конвенсияҳо ва тавсияҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст мавқеи махсус доранд ва онҳо сарчашмаҳои махсусан муҳимми байналмилалии ҳуқуқи меҳнат мебошанд. Самти асосӣ дар фаъолияти СБМ меъёрэҷодкунӣ, яъне қабул намудани стандартҳои байналмилалии меҳнат мебошад.

Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ дар миқёси байналмилалӣ ва дохилӣ аҳамияти конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ-ро аз паҳлуҳои гуногун баҳо додан мумкин аст. Якум, онҳо дар худ меъёрҳои меҳнатро фаро мегиранд, ки сатҳи онҳо бояд ба қонунгузории кишварҳое, ки конвенсия ё тавсияи мушаххасро тасдиқ кардаанд,

комилан мувофиқ карда шаванд. Дувум, конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ ба ҳамгунсозии (унификатсияи) ҳуқуқҳои меҳнат мусоидат мекунанд.

Бинобар ин, дар назди муҳаққиқ вазифаи муҳим - дарёфт ва таҳлили ҷойгоҳ ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад. Ин мушкилот бори аввал дар ин шакл таҳлил карда мешавад.

Дар таҳқиқоти мазкур мафҳум ва мундариҷаи сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат арзёбӣ шуда, сарчашмаҳои дохилидавлатии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо он зич алоқаманд тасниф гардида, амалӣ шудани меъёрҳои байналмилалии меҳнат дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ дар қонунгузории миллӣ, субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва фаъолияти онҳо дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ, инчунин самаранокии татбиқи механизми назорати СММ ва СБМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Бо назардошти вижагиҳои меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қонунгузории миллии Тоҷикистон бояд ба онҳо мутобиқ карда шуда, иҷрои онҳоро ҳатмӣ ва риояи онҳоро таъмин созад. Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳои байналмилалии худро, ки пас аз тасдиқи конвенсияҳо ва тавсияҳо ба зимма гирифтааст, пурра иҷро мекунад.

Дар мавриди масъалаи механизми назорати СБМ муаллиф дуруст қайд кардааст, ки Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии рушди ҳуқуқи меҳнат бо такя ба қонунгузории соҳаи меҳнат қарор дорад, ки бори аввал меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун яке аз сарчашмаҳои бунёдии қонунгузории миллии меҳнат эътироф кардааст ва дар ин росто бояд ба санадҳои созмонҳои байналмилалии умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ ба давлатҳо имкон медиҳад, ки дар муносибатҳои байналмилалии меҳнатӣ бештар ҳамгиро шаванд.

Дар қонунгузории хориҷӣ ба механизми назорати СБМ диққати зиёд дода мешавад. Ба андешаи муаллиф хусусияти хоси самаранокии назорати СБМ, хусусан дар таъсиргузорӣ ба қонунгузории миллӣ вобастагӣ дорад. Усулҳои назорат дар ин ҷо яксон нест. Ин аз назорати қабули қонунгузории миллии меҳнат бо назардошти принсипҳои бунёдии мавҷудаи соҳаи меҳнат ва санадҳои мушаххаси байналмилалӣ, ҳатто агар онҳо тасдиқ нашуда бошанд ҳам, бармеояд. Муаллиф саъю талошҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои анҷом додани ислоҳоти оғозёфта қайд намуда, ҳамзамон, камбудиҳои мавҷударо дар қонунгузории миллӣ нишон медиҳад.

Масъалаи муҳимме, ки таҳлилро талаб мекунад, масъалаи татбиқи меъёрҳои конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ дар қонунгузории миллӣ мебошад. Ин ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодӣ ва фарҳангие вобаста аст, ки афзоиши нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар бар мегирад ва имрӯз он муносибатҳоеро ба танзим медарорад, ки дирӯз танҳо ба масъалаҳои танзими дохилидавлатӣ марбут буданд.

Татбиқ дар ҳуқуқи меҳнат ин низоми воситаҳои ҳуқуқиест, ки амалияи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро таъмин мекунад. Унвонҷӯ Назаров Д.Қ. бо ишора ба ин далел таъйид мекунад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул шудаанд, ки ба талаботи конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ ҷавобгӯ мебошанд. Бо вуҷуди ин, муаллиф дуруст қайд кардааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар самти татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат боз ҳам бештар саъй намояд.

Бояд ёдовар шуд, ки Назаров Д.Қ. дар раванди таҳқиқот натанҳо қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, адабиёти ватанӣ, балки асарҳои олимони машҳури хориҷиро низ мавриди истифода қарор додааст. Хусусан асарҳои олимони рус, ки дар назарияи ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқи байналмилалии меҳнат дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳо ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд, аз ҷониби муаллифи рисола хуб мутолиа ва таҳқиқ шудаанд.

Хулоса, ҳамчун роҳбари илмӣ бо боварии комил қайд менамоям, ки диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович як таҳқиқоти ҷолиби илмӣ мебошад, ки барои илми ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи байналмилалии меҳнат ва, дар маҷмӯъ, ҳуқуқи инсон аҳамияти муҳимро дорост. Хулосаҳо ва пешниҳодоте, ки дар диссертатсия оварда шудааст, бо навгониҳои худ фарқ мекунанд ва онҳоро метавонанд мақоми қонунгузор ва дигар кормандони соҳаи ҳуқуқ, инчунин, муҳаққиқон истифода баранд.

Андешаҳои мазкур заминаи хулосаи мо мебошад, ки диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи "Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
роҳбари ҷамъияти дорои
масъулияти маҳдуд "ТАМИНОТ" Икрами З.А.

Подпись З.А. Икрами заверяю
Генеральный директор
ТОО "ТАМИНОТ24" Обиджанов К.М.

"ТАМИНОТ24"

«10» 04 2020 с.